**Тақриз**

**ба автореферати рисолаи номзадии Қаюмова Дилбар Ғафуровна дар мавзӯи “Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 Адабиёти тоҷик**

Баррасии вежагиҳои насри муосири тоҷик, хоса осори даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон имрӯз ба яке аз самтҳои муҳими пажӯҳишҳои адабиётшиносии тоҷик бадал гаштааст. Ба вуҷуд омадани силсилаи тадқиқот дар ин арса, ки дар заминаи онҳо китобҳои ҷудогонаи пажӯҳишӣ ба қалам омадаанд, аз густариши таҳқиқи насри муосир паём мерасонанд. Ин ҷо метавон аз силсилаи асарҳои илмии академик Муҳаммадҷон Шакурӣ, профессорон Худоӣ Шарифов, Атахон Сайфуллоев, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Носирҷон Салимӣ, Маҳмадюсуф Имомзода, Шамсиддин Солеҳ, Масрур Абдуллоҳ, Адусамад Муллоев ва дигарон ёдовар шуд, ки дар таълифоти эшон муҳимтарин ҷанбаҳои насри муосири тоҷик мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар баробари анҷоми маҷмӯи чунин таҳқиқот раванди таҳаввулоти наср ва ҷараёнҳои тозаи он дар адабиёти муосир боз ҳам тақозои ҳамқадами он рушд намудани нақду баррасиро талаб менамояд. Хушбахтона дар ин замина талош ва кӯшишҳои муҳаққиқони ҷавон то ҷое муассир меоянд, ки таълиф ва ба ҳимоя манзур намудани чандин рисолаҳо давоми чанд соли охир башорат аз равнақи корҳои пажӯҳишӣ дар арса медиҳад. Рисолаи номзадии Қаюмова Дилбар Ғафуровна дар мавзӯи “Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон” дар шумори ҳамин гуна пажӯҳишҳо қарор дорад, ки ба баррасии вежагиҳои жанриву услубии ҳикоя ва повестҳои

нависандаи маъруфи тоҷик Сорбон  ихтисос ёфтааст. Мусаллам аст, ки ҳарчанд дар мавриди баъзе аз романҳои таърихии нависанда таҳқиқоте ба сурати мақолоту ҳатто бахшҳое аз рисолаҳои илмӣ ба қалам омадаанд, аммо то кунун хусусиятҳои жанриву услубии осори хурди насрии ӯ ба таври зарурӣ таҳқиқ нашудаанд. Аз ин рӯ, интихоби мавзӯъ мувофиқи мақсад буда, дар заминаи он яке аз паҳлуҳои ба таври зарурӣ таҳқиқнашудаи мероси адабиии Сорбон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Тавре гуфта омад, ҳарчанд роҷеъ ба романҳои таърихии устод дар рисолаҳову мақолаҳои илмии олимони тоҷик Шамсиддин Солеҳ, Мисбоҳиддини Нарзиқул, Замира Ӯлмасова ва дигарон баҳсу баррасиҳои илмӣ анҷом шудааст, аммо таҳқиқи жанрҳои повест ва ҳикоят дар эҷодиёти ин нависандаи маъруф ҳанӯз онгуна, ки бояд, сурат нагирифтааст ва ҳамин амр худ аз тозагии таҳқиқоти муаллифи рисола паём мерасонад.

Аз муқаддимаи рисола аллакай яке аз арзишҳои муҳими он равшан ҳувайдо мегардад, ки муҳаққиқ бо истифода аз усули омории таҳқиқ миқдори осори хурди насрии нависандаро дақиқ намудааст. Дар идомаи баррасиҳои илмии ӯ бошад, масъалаҳои муҳими вобаста ба эҷодиёти нависанда, хоса нақши мактаби адабии замон дар ташаккули эҷодиёти ӯ, инчунин таснифоти осори адабии Сорбон ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.  Муҳаққиқи ҷавон дар заминаи баррасиҳои қиёсии хеш, ки ба муқаррар намудани ҷойгоҳи нависанда дар ҷараёни адабии давр низ омил гардидааст, муваффақ бар он шуд, ки вежагиҳои хоси насри адибро дар заминаи ҷанбаҳои ҳунариву мавзӯӣ ва сабку забони онҳо таҳлилу таҳқиқ намояд.

Дар боби дувуми рисола бошад, муҳаққиқи ҷавон кӯшидааст, ки нахуст ба ҷойгоҳи ҳикоя дар эҷодиёти нависанда таваҷҷӯҳ намуда, хусусиятҳои мавзӯиву ғоявӣ ва жанрии онро ба риштаи таҳқиқ бикашад. Дар канори ин, дар ин боби рисола масъалаҳои хеле муҳими дорои арзишҳои адабӣ, аз ҷумла чеҳраофаринӣ ва тасвири хислату

олами ботинии қаҳрамонони ҳикояти нависанда, инчунин инъикоси рӯҳи замон ва ҳофизаи таърихӣ низ ба муҳокима ва мубоҳисаҳои илмӣ кашида шудаанд, ки арзиш ва аҳамияти илмии рисоларо бозгӯӣ мекунанд. Хоса, баҳсу баррасии ҳофизаи таърихӣ дар ҳикояҳои нависанда муаллифро ба хулосаи дурусти мантиқӣ расонидааст, ки Сорбон барои таълифи романҳои муҳташами таърихӣ омодагии куллӣ дорад ва ин таҷрибаҳои офариниши чеҳраҳои таърихиро нахуст дар жанрҳои хурд озмуда, баъдан зина ба зина мукаммал гардонидааст.

Аз мутолеаи ин боб равшан маълум мегардад, ки муаллиф барои навиштани он аз пажӯҳишҳои зиёди марбут ба мавзӯъ ва таҳқиқоти назарии донишмандони ватаниву хориҷӣ истифода намудааст.

Дар боби савуми рисола бошад асосан хусусиятҳои сабкӣ ва забони осори насрии нависанда ва ҳунари ӯ дар рамзпардозиву афсонаофаринӣ ва амсол ин ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд, ки метавон гуфт ҳамагӣ аз арзиши муҳими илмӣ бархурдор мебошанд. Ҳар фаслу бобҳои рисола бо хулосаҳои ҷудогона ҷамъбаст ва натиҷагирӣ шудаанд, ки ин шеваи кор ба баррасии амиқи масъалаҳои дар меҳвари рисола гузошташуда ишорат дорад.

Дар умум, рисола дорои муҳассаноти бисёри илмӣ буда, бо истифода аз сарчашмаҳо ва адабиёти зарурии илмӣ ба қалам омадааст. Рисола дар доираи талаботи рисолаҳои илмӣ ба қалам омада, кори анҷомёфта мебошад. Бо сабки хосаи таълифоти илмӣ ба қалам омада, ғалатҳои имлоиву услубӣ ва техникӣ низ камтар дида мешаванд изҳор. Ин аз он дарак медиҳад, ки унвонҷӯ барои таълифи рисола заҳмати зиёд кашида, ба муҳимтарин ҳадафҳои дар назди хеш гузошта мушарраф гардидааст.

Танҳо барои боз ҳам такмил ёфтани ҷанбаҳои илмии он чанд мулоҳизаҳои хешро ба ҳукми пешниҳод медорам:

1. Ба андешаи мо, агар муаллифи рисола шеваи нигориши ҳикоя ва повестҳои Сорбонро бо асарҳои муҳташами ӯ муқоиса

намуда, роҷеъ ба ҷараёни такмили таҷрибаҳои ҳунарии вай низ мулоҳизоти хешро баён менамуд, арзиши рисола боз ҳам афзун мегардад. Албатта, муаллифи рисола зимни баррасии ҳофизаи таърихӣ ва чеҳраофаринӣ ба ин масъала то андозае руҷуъ кардааст, вале ба андешаи мо ин мавзӯъ боз ҳам бештар таҳқиқ мешуд, мувофиқи мақсад буд.

2. Дар рисола бархе ғалатҳои имлоӣ ва китобӣ ба мушоҳида мерасанд, киислоҳи онҳо ба салоҳи кори муаллиф аст.

Албатта, ин мулоҳизоти мо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо кам намегардонад. Умедворем, ки муаллифи рисола дар оянда низ пажӯҳишҳои хешро дар ин арса идома дода, ба таълифи асарҳои мукаммали илмӣ дар шинохти ҷараёнҳои адабиёти муосири тоҷик,хоса насри имрӯз муваффақ хоҳад гардид.

Дар маҷмӯъ, рисола як кори тозаи ба таври зарурӣ ба анҷомрасидае мебошад, ки таҳқиқу баррасии як самти муҳими эҷодиёти нависандаи шинохтаи тоҷик Сорбонро фаро мегирад. Аз ин рӯ, рисоларо метавон асари мукаммали ба талаботи таълифи рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ ба шумор овард, ки муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 Адабиёти тоҷик мебошад.

Мирзо Муллоаҳмад
д.и.ф., узви вобастаи АИ ҶТ,
мудири шуъбаи Институти
омӯзиши масъалаҳои давлатҳои
Осиё ва Аврупои АИ ҶТ

Имзои М.Муллоаҳмадро тасдиқ мекунам.
Нозири калони кадр Зуҳуров А.